## СУРАТМАҶЛИСИ № 3

Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз санаи 29.10.2022

Иштирок доштанд:
15 нафар аъзоёни Шӯрои олимони факултет

## РӮЗНОМА

Муҳокимаи рисолаи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ва муайян намудани муқарризони беруна ба диссертатсияи мазкур.

Аз ҷониби раиси Шӯрои олимони факултет, дотсент Рабиев Сатторбердӣ Мавлонович рӯзномаи маҷлис ба овоз гузошта шуд.

## БАРОМАД КАРДАНД:

Раиси Шӯрои олимони факултет, дотсент Рабиев Сатторбердӣ Мавлонович ҷаласаро оғоз намуда, ба Носирова М.Н. - унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" сухан дод.

Унвонҷӯ бо мӯҳтаво ва мундариҷаи кори диссертатсионии хеш ҳамагонро шинос намуд. Баъд аз баромад, муҳокима оид ба кори илмии унвонҷӯ оғоз шуд. Якчанд нуктаҳои баҳсталаб вуҷуд доштанд, ки бобати он аз тарафи нишастагон суолҳо дода шуданд. Асосан бисёри суолҳо гирду атрофи таҳқиқоти илмие, ки аз тарафи Носирова М.Н гузаронида шуд, вуҷуд доштанд. Ба ҳамаи онҳо унвонҷӯ посухи сахеҳ дода тавониста, норасогиҳои баёншуда ва маслиҳатҳои муфид низ қайд карда гирифта шуд.

Дар хотимаи ҷаласа ба диссертатсия ду нафар муқарризи беруна тавсия дода шуд, ки рисоларо хонда, фикру ақидаи хешро баён хоҳанд кард, онҳо:

1. Темирова Х.И. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии ДПДТТ ба номи академик М.Осимӣ;
2. Азимова Н.С. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири ДДҲБСТ.

**ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:**

1. Диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи тахсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба ташхис равона шавад.
2. Ба диссертатсияи унвонҷӯ Носирова М.Н. дотсентони болозикршуда ба ҳайси муқарризони беруна тавсия карда мешаванд.

Раиси Шӯрои олимони факултет,
н.и.п., дотсент Рабиев С.М.

Котиби Шӯрои олимони факултет,
н.и.п., дотсент Раҳмонова Д.З.